«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент
__________ Мӯминзода Ш. А.
«_03_» ______12______ 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

**1. Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда**

Диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат менамояд. Хусусан, ба бандҳои: 1.1. Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 1.4. Таҳқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионӣ. Консепсияҳои навсозӣ ва шаклҳои татбиққунии амалии онҳо. 1.5. Хусусиятҳои таъсисдиҳӣ ва таҳқиқи низомҳои миллии инноватсионӣ: принсипҳои сохт ва рушдёбӣ, сохтор ва функсияҳо, баҳодиҳии самаранокӣ. 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои

тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ. 1.9. Баҳодиҳии неруи инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Баҳодиҳии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ. 1.15. Таҳқиқи самтҳо ва воситаҳои рушди созмондиҳии нави технологии низомҳои иқтисодӣ. Коркарди стратегияи рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. 1.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ барои манфиатҳои рушди инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ мувофиқати мустақим дорад.

## 2. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Рушди инноватсионии саноат ҳамчун омили асосии таъмини рақобатпазирӣ, афзоиши истеҳсолот ва таъмини устувории иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд дар доираи ҳадафҳои стратегии миллии рушди кишвар, аз ҷумла саноатикунонии босуръат, такмил додани инфрасохтори инноватсионӣ ва баланд бардоштани сатҳи истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ нақши калидӣ мебозад. Дар ин замина, такмил додани системаи идоракунии рушди инноватсионии саноат яке аз масъалаҳои мубрами иқтисоди муосир ба ҳисоб меравад.

Инноватсия ба сифати манбаи асосии рушди устувор ва рақобатпазирӣ дар саноат хизмат мекунад. Бо назардошти он ки иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба модели инноватсионӣ мегузарад, дар Тоҷикистон низ зарурати баланд бардоштани иқтидори технологӣ, навсозии таҷҳизот ва татбиқи технологияҳои замонавӣ ба миён меояд. Ин раванд ба баланд шудани ҳосилнокӣ, истифодаи самараноки захираҳо ва кам шудани хароҷоти истеҳсолӣ мусоидат мекунад.

Системаи идоракунии инноватсионӣ бояд мутобиқ ба талаботи иқтисоди рақамӣ ва саноатсозии босуръат бошад. Идоракунии инноватсионӣ барномаи ягонаи давлатӣ оид ба рушди технологияҳои нав, ташкили инфрасохтори муосири инноватсионӣ, афзалиятнок намудани соҳаҳои стратегӣ, дастгирии сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши истеҳсолиро дар бар мегирад.

Дар Тоҷикистон чанд мушкилоти асосӣ вуҷуд дорад, ки талабот ба такмили системаи идоракуниро тақвият медиҳанд: нокифоя будани маблағгузорӣ ба илму технология; сатҳи пасти трансферти технология;

камбуди мутахассисони баландихтисос; суст будани фаъолиятҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар корхонаҳои саноатӣ; сатҳи нокифояи ҳамгироии илм ва истеҳсолот.

Ин мушкилот нишон медиҳанд, ки саноати кишвар ниёз ба механизми самараноки идоракунӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи инноватсияро дорад.

Боизи зикр аст, ки такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон як раванди муҳим ва зарурӣ барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити рақобати ҷаҳонӣ танҳо корхонаҳое муваффақ мешаванд, ки инноватсияро ҳамчун воситаи асосии пешбурди истеҳсолот истифода мебаранд. Барои Тоҷикистон муҳим аст, ки тавассути такмили идоракунӣ, таъмини маблағгузории инноватсионӣ, ташкили инфрасохтори муосир ва баланд бардоштани сатҳи ҳамкории илм ва истеҳсолот саноати миллиро ба сатҳи нав барорад. Ин раванд ба рушди устувори иқтисоди миллӣ, баланд шудани зерсохторҳои саноатӣ, афзоиши истихроҷи маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, интихоби мавзуъ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Муртазозода Оразро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

### 3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодот, ки дар диссертатсия оварда шуданд

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, натиҷаҳои судманди илмиро дар самти асосноккунии муқаррароти назариявию методологии мукаммалгадонии механизмҳои системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди инноватсионӣ ва трансформатсияи рақамии иқтисодиёт мавриди таҳқиқ қарор дода, равияҳои такмили низоми идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти таъмини иттилоотии раванди идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дар асоси технологияи рақамӣ асоснок ва пешниҳод намудааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии он аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва

методологии ташаккули механизмҳои идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро дар асоси принсипҳои иқтисоди “сабз” моҳирона истифода бурдааст.

**4. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия**

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии низоми миллии саноат, асосҳои методологии ташаккулёбии низоми идоракунии рушди инноватсионӣ, принсип ва шартҳои асосии идоракунии он дар саноат, таҷрибаи хориҷии идоракунии рушди инноватсионии бахши саноат ва имкониятҳои татбиқи он дар амалияи саноати кишвар, инчунин такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди низоми саноат дар кишвар бо истифода аз принсипҳои фаъолияти инноватсионӣ асоснок шудаанд.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, нуктаҳои зерини ҷанбаҳои илмию назариявӣ, методӣ ва амалӣ оид ба низоми инноватсионии саноатии кишвар ҳамчун объекти идоракунӣ, инчунин тавсияҳо, амсилаҳо ва чорабиниҳои амалӣ ҷиҳати рушди ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун омили такмили идоракунии рушди инноватсионии саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баён карда шудааст, ки, воқеан, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, пешниҳод гардидааст:

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нахуст, консепсияҳои илмии фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракунии рушди соҳаи саноат бо такя ба ҷанбаҳои назариявии он таҳлили объективона гузаронида, ба мафҳуми таҳқиқот ҳамчун раванди идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ таъриф дода шудааст, инчунин аҳаммият ва самаранокии истифодаи роҳу усулҳои инноватсионӣ дар низоми саноатӣ асоснок карда шудааст;

- низомбандӣ намудани роҳу усулҳо идоракунии рушди инноватсионии саноат дар шароити имрӯза, самаранок истифода бурдани таҷрибаи кишварҳои пешқадам дар шароити Тоҷикистон, зарурати таъсиси кластерҳои саноатӣ, комплексҳои саноатӣ ва дигар инфрасохтори саноатӣ барои рушди инноватсионӣ тафсир карда шудааст;

- дар таҳқиқот усулҳои гурӯҳбандии принсипҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои саноатӣ - самаранокӣ ва систематикӣ асоснок карда шуданд. Инчунин, аз ҷониби муаллиф масъалаҳои таъминоти кадрӣ, мутобиқшавӣ, давомнокӣ, идоракунии

хавфҳо, таъмини захираҳо, ҳамкорӣ ва ошкорбаёнӣ, таъминоти инфрасохторӣ, таваҷҷуҳи муштариён, таъминоти моддию техникӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Принсип ва шартҳои асосии идоракунии равандҳои инноватсионии соҳаҳои саноат асоснок гардида, самтҳои тарҳрезии сохтори институтсионалии низоми идоракунии рушди инноватсионии саноат баҳри баланд гардонидани сатҳи рақобатпазирӣ, устуворӣ ва мутобиқшавии соҳаи саноат ба шароити бозор таҳия карда шудаанд;

- дар таҳқиқот вазъи муосир ва қонуниятҳои рушди соҳаҳои саноат ва тамоюлҳои рушди инноватсионии он, тағйироти сохтории соҳаи саноат ва ташаккулу рушди инфрасохтори инноватсионӣ гузаронида шудааст.

- низоми такмили сохтори муносибатҳои ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот, ҳамчун механизм ва омили муҳимми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатӣ пешниҳод шудааст;

- муайян ва пешниҳоди маҷмуаи тадбирҳо оид ба таъмини иттилоотонии ҷараёнҳои идоракунӣ дар заминаи технологияҳои рақамӣ амалӣ гардидааст;

- арзёбии механизмҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои саноат бо дарназардошти мутобиқ намудани онҳо бо принсипҳои иқтисодиёти "сабз" исбот гардидааст;

- самтҳои такмили ҳамгироии байни тамоми ҷонибҳои манфиатдор (сохторҳои давлатӣ, соҳибкорӣ, илм ва ҷомеа) баҳри коркарди механизмҳои ташкиливу иқтисодӣ ва институтсионалии рушди инноватсионӣ асоснок карда шудааст;

- дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф харитаи роҳ дар соҳаи саноат барои гузариш ба иқтисоди «сабз» ба шароит ва имкониятҳои миллӣ ва байналмилалӣ мутобиқ гардида, барои рушди иқтисодии кишвар тавсия гардидааст.

## 5. Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти илман асоснокгардида ва методологии дар диссертатсия пешниҳодгардида барои таҳия ва татбиқи тадбирҳои муассири рушди индустриалию инноватсионӣ истифода шуда, истифодаи онҳо заминаҳои консептуалии рушди инноватсионии саноатро тақвият мебахшанд. Инчунин, моҳият ва мазмуни иқтисодии таъмини

инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ба рушди минбаъдаи назарияҳои инноватсионӣ нигаронида шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулоса ва тавсияҳои илман асоснокшуда метавонад аз ҷониби ширкату мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳои саноатӣ, барои такмил додани сиёсати соҳавӣ ва давлатӣ дар самти таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии соҳаи саноат истифода карда шаванд.

Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби Вазорату хадамотҳои мутобиқ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи стратегии рушди инноватсионӣ, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, дар ин замина, ҳангоми таҳия ва мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини иноватсионии рушди иқтисодб истифода шаванд. Илова бар ин, аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои мушаххасе таҳия шудаанд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва накшаҳои стратегии рушди соҳаи саноат, амалишавии ҳадафҳи стратегии давлатӣ оид ба инноватсиоякунонии иқтисодиёт истифода мешаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро дар мактабҳои олӣ, институтҳои илмӣ - таҳқиқотӣ дар такмили барномаҳои фанҳои таълимӣ, курсҳои махсус, ҳамзамон гузаронидани корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ дар самти рушди инноватсионии саноат истифода бурдан мумкин аст.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот**

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули диалектикӣ, сохторӣ, системавию низомӣ, сабабӣ, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, арзёбии мунтазами миқдорӣ ва ҳамаҷониба, сохторӣ-функсионалӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, омилӣ, усули индуксия ва дедуксия, таҳлил ва синтез, инчунин, дигар усулҳои иқтисодӣ ва умумиилмии донишҳо васеъ истифода шудаанд.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда, таҳлилу баррасӣ намудааст.

Дар рисола ҷараёнҳои ташаккулёбии механизми рушди инноватсионии саноат, боэътимодии маълумотҳо, миқдори кофии мавод, коркарди натиҷаи таҳқиқот ва муқарраротӣ илмии пешниҳодкардаи муаллиф тасдиқ мешавад. Самтҳои асосӣ, хулоса ва

тавсияҳо асоснок оварда шудаанд, ки таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию методологӣ ва таҷрибавиро инъикос мекунанд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Дар натиҷаи шиносоӣ бо диссертатсия, асарҳои илмии нашргардидаи муаллифи рисолаи илмӣ Муртазозода Ораз метавон зикр кард, ки диссертатсияи мазкур кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилонаи муаллиф мебошад. Аз тарафи унвонҷӯ муҳиммияти мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, мундариҷаи диссертатсия мантиқан дуруст исбот карда шудааст, таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба тадбиқи босамари сиёсати давлатии инноватсионӣ дар соҳаи саноати иқтисодиёти миллии кишвар дар амал татбиқ карда шудаанд.

**8. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодгардида аз муқаддима, панҷ боб, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 320 номгӯ иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 396 саҳифа, 27 ҷадвал, 35 расм, 9 диаграмма оварда шудааст.

**Дар муқаддима** мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин, муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардида, маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод карда шудаанд (С. 7-23).

**Дар боби якуми** диссертатсия “Асосҳои назариявии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат” таҳқиқи асосҳои назариявӣ, ҷанбаҳои институтсионалӣ, принсипҳо, таҷрибаи хориҷии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст (С.24 - 85).

Муаллиф зимни таҳқиқи заминаҳои илмию назариявии мафҳуми «консепсияи рушди инноватсионии» ва моҳияти онро аз асарҳои мактабҳои муосири иқтисодӣ, донишмандони хориҷиву ватанӣ васеъ истифода намуда, чунин баён менамояд: “Идоракунии рушди инноватсионии низоми миллии саноатӣ вазифаи муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама дониш, таҷриба ва маблағгузории мушаххаси давлатӣ ва бахши

хусусиро талаб менамояд" (С.26). Дар асоси аз ҷониби муаллиф марҳилаҳои рушди низоми идоракунии инноватсия дар Тоҷикистон таҳия гардида, қайд карда шудааст, ки "... Ҳарчанд ки рушди низоми идоракунии инноватсия дар Тоҷикистон аз як равандҳои мураккаби таърихӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ гузашта бошад ҳам, аммо инноватсия, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва гузариш ба иқтисоди "сабз" се омили асосие мебошанд, ки таъминкунандаи рушди устувори саноати ватанӣ ба ҳисоб меравад" (С.28-30). Ин нуқтаи назари муаллиф барои рушди назарияи таҳқиқоти мазкур саҳми муайян ҳоҳад гузошт .

Дар диссертатсия идоракунии истеҳсолоти саноатӣ ҳамчун принсипи «ягонагии система», автоматикунонӣ ва усули кластерӣ асоснок гардида, соҳаи саноати миллӣ ҳамчун сохтори мутақобила ва алоқаманд баррасӣ мешавад. Ин равиш барои беҳтар намудани самаранокӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши муҳим дорад, ки нуқтаи меҳварии таҳқиқотро ифода мекунад (С.39-43). Ҳамчунин бояд қайд кард, ки дар диссертатсия муаллиф зикр менамояд, ки: " ... рушди соҳаи саноат ва рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук ба пешрафти фаъолияти инноватсионӣ вобаста аст. Инноватсия ҳамчун муҳаррики асосии рушди саноат дар шароити рақобати бозорӣ нақши муҳим дорад. Дар Тоҷикистон, бо сабаби гаронии фоизи қарз ва норасоии маблағҳои буҷавӣ, дастрасии корхонаҳо ба маблағгузорӣ маҳдуд аст, ки ин рушди инноватсионро душвор мекунад. Барои тақвияти рушди инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ, дастрасии кофии молиявӣ ва беҳбудии механизмҳои дастгирии давлатӣ зарур аст". Ақидаи мазкури муаллиф дарҳақиқат дуруст аст (С.47).

Ба андешаи муаллиф, омӯзиши таҷрибаи хориҷии стратегияи рушди инноватсионии ба анҷом расонида моделҳои онро низомбандӣ намудааст (С.78). Муаллиф зикр менамояд, ки: "...Дар ҷаҳони муосир рушди инноватсия ва соҳибкории инноватсионӣ ба яке аз ҳадафҳои асосии давлатҳо табдил ёфтааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта, мисли ИМА, Ҷопон, Олмон, Британия, Фаронса ва Канада нишон медиҳад, ки иштироки фаъолонаи давлат дар таҳия ва татбиқи сиёсати инноватсионӣ метавонад муҳити мусоиди рушди технологӣ ва истеҳсолотро фароҳам оварад. Ин даҳолати муассир ба рушди босуръати иқтисод, афзоиши истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ

мусоидат мекунад"(С.84-87). Ин ақидаро эътироф накардан ғайримкон аст.

**Дар боби дувум** - "Ҷанбаҳои методологии ташаккулёбӣ ва идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат", асосҳои методологии ташаккулёбӣ, принсипҳо ва шартҳои асосии идоракунӣ, арзёбии сохтори институсионалии системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст (С.85 - 137).

Муаллиф дар диссертатсия муҳимтарин меъёрҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатро таҳқиқи карда шудаанд, инчунин такя ба меъёрҳои идоракунии соҳаи саноат, нишондиҳандаҳои идоракунии рушди инноватсионӣ барои таҳлил ва мониторинги равандҳои инноватсионӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки: " ... идоракунии рушди инноватсионӣ – равандест, ки ҳадафи он ташаккул ва татбиқи ғояҳои нав ва технологияҳо бо мақсади беҳтар кардани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ мебошад. Ин раванд ҳамчун шарти муҳим барои мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳити глобалӣ, технологӣ ва бозорӣ амал мекунад. Ҳамин тавр, меъёрҳои мазкур дар якҷоягӣ барои идоракунии ҳамаҷонибаи рушди инноватсионии соҳаи саноат, коҳиш додани хавфу хатарҳо ва зиёд кардани имконияти татбиқи бомуваффақияти технология ва маҳсулоти нав барои самаранокӣ имкон фароҳам меорад" (С.91-95). Чунин ақидаҳои муаллиф дар илми муосир мебоист мавзуи мусоҳиба бошанд.

Дар диссертатсия муаллиф иброз менамояд, ки рушди инноватсия дар саноат ба омилҳои зиёде вобастааст, ки метавонанд онҳо аз дохил ва ё берун сарчашма гиранд. Ба омилҳои дохилӣ омодагӣ ва қобилиятҳои истеҳсолот, сатҳи малакаҳои кормандон, стратегияҳои идоракунӣ ва фарҳанги инноватсионӣ, ба омилҳои берунӣ сиёсати давлатӣ, мизони дастрасии захираҳои молиявӣ, тағйироти глобалӣ дар бозорҳо, иқлим ва ҳамкориҳо бо дигар кишварҳо ворид карда шуда таҳлил гардидааст (С.98-104). Принсипҳо ва шартҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат (С.106-110), сохтори институтсионалии системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки нуктаи меҳварии таҳқиқотро ифода мекунад (С.119-130).

**Дар боби савум** - "Вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон",

вазъи муосир ва тамоюлҳои рушд, арзёбии системаи муосири идоракунии рушди равандҳои инноватсионӣ корхонаҳои саноатӣ мавриди омӯзиш таҳқиқ қарор дода шудааст (С.138 - 204).

Натиҷаҳои боби мазкур дорои аҳаммияти назарраси амалӣ мебошанд, зеро дар доираи он ба вазъи муосири идоракунии рушди равандҳои инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурӣ баҳои объективона гузошта шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлил тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосие, ки сатҳи рушди соҳаи саноатро муайян мекунанд арзёбӣ намудааст (С.146 - 154), ки сазовори таҳсин аст.

Дар асоси он муаллиф иброз менамояд, ки дар айни замон бо дарназардошти пешрафти соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ, ҳоло низ бисёре аз корхонаҳои саноатии амалкунанда ба таъмиру навсозӣ ва таҷҳизоти техникии муосир ниёзи бештар доранд. Тибқи маълумоти Барномаи давлатии рушди соҳа, айни ҳол танҳо 34 дарсади қисми фаъоли фондҳои корхонаҳо ба сатҳи технологии замонавӣ ҷавобгӯ мебошанд, 35 дарсади корхонаҳо бояд таъмиру навсозӣ шаванд ва 31 дарсади таҷҳизот бояд пурра иваз карда шаванд. Дар ин замина, албатта, таваҷҷуҳи махсус ба рушди инфрасохтори саноатӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, воридоти технологияҳои пешрафта, омодасозии кадрҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дода шавад (С.160-162).

Ба андешаи диссертант: “ ... муҳимтарин нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии низоми идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ инҳо дохил мешаванд: 1. Молиявӣ. Маълумот дар бораи таъсири молиявии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва дастовардҳои молиявии маҳсулот ва хидматҳои нав. 2. Технологӣ. Натиҷаҳои пешниҳоди технологиҳои нав, рушди патентҳо ва навоварӣ дар маҳсулот ва равандҳои истеҳсолӣ. 3. Экологӣ. Арзёбӣ аз рӯйи кам кардани партовҳо, сарфаи манбаъҳои табиӣ ва истифодаи технологиҳои сабз. 4. Иҷтимоӣ. Арзёбӣ дар бораи таъсири иҷтимоии лоиҳаҳои инноватсионӣ, мисли таъсири мусбат ба ҷомеа ва рушди малакаи кормандон. 5. Ташкилӣ. Меъёрҳои идоракунии самаранок ва ҳамоҳангии фаъолияти лоиҳаҳои инноватсионӣ дар дохили корхона.” (С.182-193). Аз ин лиҳоз, ақидаи муаллиф, ки оид ба арзёбии меъёрҳо, ки татбиқи стратегияи ва барномаҳои соҳавӣ барои рушди иқтисоди миллӣ, ки ҳадафҳо ва самтҳои асосии рушдро муайян мекунад, аҳаммияти хоса дорад.

**Дар боби чорум** - “Нақши ҳамгироии инноватсионӣ дар раванди идоракунии рушди системаи саноатӣ”, консепсияҳои муосири ҳамгироии инноватсионӣ, вазъи муосири раванди ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун консепсияи муосири идоракунии рушди инноватсионии системаи саноат баррасӣ гардидааст (С.207 - 264).

Аз ҷониби муаллиф масъалаҳое, ки ҳолати муосири ҳамгироии инноватсионӣ нисбат ба корхонаҳои саноатӣ таҳлил ва баррасӣ карда шудааст (С.214 - 216).. Бо андешаи муаллиф: “ ... ҳамгироии иқтисодии корхонаҳои саноатӣ равандест, ки бо истифодаи муассири захираҳо, муттаҳидсозии сармоя, густариши робитаҳои технологӣ ва истеҳсолӣ ва афзоиши иқтидори иқтисодӣ барои беҳтар намудани фаъолияти инноватсионӣ хос аст. Шаклҳои муосири ҳамгирой, аз ҷумла кластерҳои инноватсионӣ, паркҳои саноатӣ ва технопаркҳо, дар асоси ҳамкорӣ миёни субъектҳои гуногун фаъолият намуда, аз технологияҳои пешрафта, захираҳо ва инфрасохтори муштарак истифода мебаранд” (С.222). Ин ақидаҳои муаллиф боиси қабул аст.

Дар диссертатсия муаллиф имкониятҳои истифодаи модели интегратсияи илм, маориф ва тиҷорат дар Тоҷикистонро арзёбӣ карда (С.233-237), хулоса менамояд, ки: “...ҷалби сармоягузорӣ, рушди инфрасохтор, дастгирии таҳқиқоту инноватсияҳо ва омӯзиши кадрҳои босалоҳият барои таъмини ин мақсадҳо нақши муҳимми худро мебозанд. Бо ин роҳ, табдили минтақаҳои саноатӣ ба марказҳои инноватсионӣ ва рақобатпазир заминаи рушди устувори иқтисодиро фароҳам оварда, боиси афзоиши ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишвар мегардад” (С.238-239).

Муаллиф дар асоси таҳлили масъалаҳои ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот, зикр менамояд, ки: “... кластер дар ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот як шакли махсуси ҳамкории муассисаҳо ва субъектҳои гуногун – институтҳо, ширкатҳо ва муассисаҳои таълимӣ – мебошад, ки бо мақсади такмил додани равандҳои истеҳсолӣ, пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва беҳтарсозии сифати таълим таъсис дода мешавад. Ин шакли ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки захираҳо ва таҷрибаи гуногунҷабҳа муттаҳид шуда, навовариҳо босуръат ворид ва татбиқ гарданд, ки ин ба рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад” (С.273-275). Ақидаи мазкури дисертант ҷолиби диққат аст.

**Дар боби панҷум** - “Самтҳои асосии такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон”

равандҳои афзалиятноки такмил, таъмини иттилоотӣ, ташаккули механизмҳои идоракунии рушди иноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди «сабз» гузаронида шудааст (С.267-307).

Диссертант зикр намудааст, ки: "Бояд гуфт, ки самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Тоҷикистон барои давраҳои муайян инҳо мебошанд: рушди соҳаҳои бунёдӣ ва амалии риёзиёт, табиатшиносӣ ва ҷаҳонбинии илмии табиатшиносӣ муҳим мебошад; саноатикунонии босуръат; истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ; масъалаҳои муҳити зист, аз қабили гуногунии биологӣ, биотехнология, тағйирёбии иқлим; рушди соҳаи тиб ва дорусозӣ; рушди системаҳои нақлиётӣ-логистикӣ ва тақвияти иқтидори транзитии кишвар; рушди инноватсионии кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои замин, таъмини амнияти озуқаворӣ мебошанд" (С.285 - 291). Дар ҳақиқат, инҳо равияҳои асосӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст, ки: "Дар марҳалаи таҳаввулоти иқтисодӣ, кишварҳое, ки мехоҳанд барои рушди фаъолияти инноватсионӣ ва рақамӣ омодагӣ бинанд, бояд диққати ҷиддӣ ба омода кардани кадрҳои ботаҷриба диҳанд. Баланд бардоштани стандартҳои таълимӣ ва сифатнокии таҳсилот, ки ба талаботи эҳтиёҷоти технологӣ ва инноватсионӣ ҷавобгӯ бошад, бояд як ҳадафи аслии дониста шавад. Агар системаи таълимии кишвар бо талаботи бозори кор ва рушди инноватсионӣ мувофиқат накунад, бисёр мушкилот барои татбиқи технологияҳои нав ва истеҳсолот бо стандартҳои баланд ба вуҷуд меояд" (С.299-300).

Дар диссертатсия мавқеи соҳаи саноат дар рушди фаъолияти инноватсионӣ иброз гардидааст. Муаллиф қайд намудааст, ки: " ... соҳаи саноат яке аз соҳаҳои калидие мебошад, ки танҳо метавонад тавассути татбиқи технологияи иттилоотӣ фаъолияти босамар дошта бошад. Рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолӣ кам шуда, назорат ва идоракунии истеҳсолот боз ҳам беҳтар карда шавад" (С.301).

Диссертант зикр менамояд, ки яке аз самтҳои муҳим дар марҳилаи муосири рушд мутобиқ кардани соҳаи саноат ба принсипҳои иқтисоди "сабз" мебошанд. Дар ин замина, харитаи роҳ ҳамчун як роҳнамои асосӣ якчанд марҳилаҳо ва қадамҳои муҳимро фаро мегирад, ки

метавонанд ба корхонаҳои саноатӣ дар гузариши осон ба модели иқтисоди "сабз" кумак кунанд. Инчунин, он ба коҳиши таъсири манфӣ ба муҳити зист, баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар асоси стандартҳои нави экологӣ ва татбиқи самараноки принсипҳои иқтисоди "сабз" мусоидат хоҳад кард (С. 331-332).

Ба андешаи муаллиф, ҷиҳати мутобиқ гардонидани соҳаи саноат ба принсипҳои иқтисодиёти "сабз" чораҷӯйи карда шавад. Барои ин лозим аст, ки ба таъсис додани инфрасохтори истеҳсолии "сабз", ҷалби сармояи "сабз" ва дигар иқдомҳое, ки мутавозинии экологиро дар кишвар таъмин карда, ба рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамоянд, таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Барои расидан ба ин мақсад, таҳияи "Консепсияи миллии татбиқи принсипҳои иқтисодиёти "сабз" дар соҳаи саноат" ба мақсад мувофиқ мебошад (С.340).

Дар хулоса аз ҷониби муаллиф муқарроротҳои асосии назариявӣ, методӣ ва илмӣ-амалӣ, инчунин тавсияҳо оид ба татбиқи рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатиро инъикос гардидааст.

## 9. Эроду тавсияҳо ба диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи мазкур чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Нахуст, муаллиф дар қисмати "мубрамияти" диссертатсия мебоист бо факту рақамҳо, яъне далелҳои аниқу саҳеҳ муаммоҳои низоми идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҳалли он дар шароити муосир аҳаммияти баланд дорад, асоснок менамуд, мувофиқи мақсад мегардид.

2. Дар асоси таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф тавонистааст, ки натиҷаҳои назарраси илмиро ҳамчун навгонӣ дар даҳ банд пешниҳод кардааст. Ба андешаи мо, боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф зимни баррасии банди чаҳорум, панҷум ва шашуми навгонӣ мундариҷаи онҳоро бо тарзи кӯтоҳ кушода диҳад, боз ҳам илмияти рисола баланд мегардид.

3. Дар боби якум аз ҷониби муаллиф барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда хеле зиёд иқтибосҳо аз асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ гирд оварда, мавриди омӯзиш қарор додааст. Ин хуб аст, вале онҳо аз ҳад зиёд буда, бо тарзи кофӣ таҳили худро наёфтааст.

4. Муаллиф ҳангоми таҳлил дар саҳифаҳои 138-167 оид ба вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, масалаи иҷроиши "Барномаи давлатии

рушди илмию инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027" дар кадом сатҳ қарор дорад, чи гуна муаммоҳо то ҳоло ҳал нагардидааст баррасӣ карда шавад, мувофиқи мақсад мегардид.

5. Муаллиф дар диссертатсия механизми ташкилию иктисодии рушди инноватсионии соҳаи саноатиро бо тарзи схема хеле хуб нишон додааст (С.179), аммо баъзе паҳлуҳои он асоснокунии мушаххасро талаб менамояд.

6. Дар ҷадвали 3.3.2. диссертатсия нишондиҳандаҳо доир ба арзёбии самаранокии идоракунии корхонаи саноатӣ хеле хуб пешниҳод карда шудааст (С.207-208), вале агар ҳамин нишондиҳандаҳо бо факту рақамҳои оморӣ аз иқтисодиёти ватанӣ ҳисоб карда мешуд, сатҳи илмии рисола боз ҳам балагд мегардид.

7. Дар диссертатсия бисёр муқароротҳои арзиши илмии баланддошта мавҷуд аст, ки дар қисмати навгонии илмии рисола инъикос наёфтааст, ки оянда ба эътибор гирифта шавад.

Аммо, эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Муртазозода Оразро коҳиш намедиҳад. Дар маҷмуъ, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад ва диссертатсия таҳқиқоти баитмомрасида ҳисобида мешавад.

### 10. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Асарҳои интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 62 корҳои илмӣ, аз он ҷумла 1 монография, 39 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда чоп карда шудаанд.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърузаҳои илмӣ баён шудаанд.

Дар интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамояд, яъне пурра мутобиқат дорад.

### 11. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқаррargardида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳия

гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

### 12. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Тахассуси илмии довталаб Муртазозода Ораз ба ихтисоси илмии дархостшаванда 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пурра мувофиқат мекунад. Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

### 13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия

Хулоса, диссертатсия дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи бандҳои 32, 33, 34 ва 35 низомномаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, диссертатсия дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Муртазозода Ораз сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ризозода Тӯра Раббим омода гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёти корхона ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 14 нафар омӯзгорон иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 14 нафар, “зид”- нест, “бетараф”- нест (суратҷаласаи № 5, аз 02 декабри соли 2025).

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо**
**ва минтақаи ДДҲБСТ,**
**н.и.и., дотсент** **Қаюмов Ф. Ғ.**

**Ташхисгар:**
**доктори илми иқтисодӣ,**
**профессори ДДҲБСТ** **Ризозода Тӯра Раббим**

**Котиб, н.и.и, дотсент** **Ҷураев Ф. М**

Имзоҳои д.и.и., профессор Ризозода Т. Р., мудири кафедра Қаюмов Ф. Ғ., н.и.и, дотсент Ҷураев Ф. М.-ро тасдиқ мекунам.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, ДДҲБСТ, 17 мкр-н, б. 1, www.tsulbp.tj +992(3422)23811, E-mail: tsulbp@rambler.ru